***ТДУ 371***
***ТКБ 74.00***

## ТАЪРИХ ВА ТАШАККУЛИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГӢ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Азизов Шерзод Юсуфович***, *н.и.п., сармуаллими кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## ИСТОРИЯ И РАЗВИТИЕ ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ (ТРУДОВОГО ОБУЧЕНИЯ) В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Азизов Шерзод Юсуфович,*** *к.п.н., старший преподаватель кафедры черчения, начертательной геометрии и методики преподавания ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

## HISTORY AND DEVELOPMENT OF TECHNOLOGICAL EDUCATION (LABOR TRAINING) IN TAJIKISTAN REPUBLIC

***Azizov Sherzod Yusufovich,*** *candidate of pedagogical science, senior lecturer of the department of drawing, descriptive geometry and its teaching methods under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *azizovsher@bk.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *таълими меҳнат, касбу ҳунар, ҳунармандӣ, устод-шогирд, мактаб, технология, барномаи таълим*

*Мақола оид ба масъалаи таърих ва ташаккули таълими фанни "Технология (таълими меҳнат)" дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баҳс менамояд. Муаллиф нахуст дар бораи таърихи ҳунар ва ҳунармандии халқи тоҷик ёдовар шуда, оид ба мактаби "устод-шогирд" ва анъанаҳои халқӣ маълумои арзишманд пешниҳод менамояд. Се давраи асосии ташаккули таълими меҳнат инъикос гардидааст, ки аз давраи пайдоиш то Инқилоби Октябр, давраи таълими меҳнат дар замони Иттифоқи шӯравӣ ва омӯзиши касбу ҳунар дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Тазаккур меравад, ки ҳар яке аз ин давраҳо боз ба чандин марҳилаҳо тақсим мешавад.Муаллиф доир ба муаммои мавҷудбудаи соҳа дар солҳои гуногун ибрози ақида намуда, таъкид мекунад, ки тағйир ёфтани барномаҳои таълим ва мазмуну мундариҷаи фан барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушкилиҳои зиёдро ба бор оварда буд. Махсусан ба кам гардидани соати дарсии фанни технология таъкид рафтааст. Новобаста ба ин ояндаи фани "Технология"-ро дурахшон арзёбӣ кардааст. Дар охир барномаҳои таълим, ҳуҷҷатҳои вобаста ба раванди таълими технологӣ, китобҳои дарсӣ, ақидаҳои олимони соҳа таҳлил ва баррасӣ гардида, чанд муаммои мубрам баён гардида, хулосабандӣ шудааст.*

***Ключевые слова:*** *трудовое образование, профессия, ремесло, учитель-ученик, школа, технология, учебная программа*

*В статье рассматривается история и процесс развития технологического образования (трудового обучения) в Республике Таджикистан. Упоминается история декоративно-прикладного искусства таджикского народа, а также предоставляется ценная информация о школе «устод-шогирд» и народных традициях. Описаны три основных этапа становления трудового образования, которые охватывают период от его зарождения до Октябрьской революции, период трудового воспитания в Советском Союзе и профессионального обучения в период независимости Республики Таджикистан. Каждый из этих периодов далее делится на несколько этапов, о которых рассказывается в статье. Автор излагает свои взгляды на существующие проблемы отрасли в разные годы, подчеркивая: что изменения в учебной программе и содержании предмета создали много проблем для учителей средних школ. Особо холодное отношение было выражено в отношении технологических уроков. Тем не менее, будущее технологий остается светлым. По окончании учебных программ были проанализированы и обсуждены документы, связанные с процессом технологического образования, учебники, мнения ученых в данной области, обозначен и обобщен ряд актуальных вопросов.*

***Key words:*** *labor education, profession, craft, history, education, teacher-student, school, technology, curriculum*

*The article dwells on the history and process of technological education development (labor training) in Tajikistan Republic. The history of arts and crafts of the Tajik people is mentioned, and valuable*

*information is provided about ustod-shogird school and folk traditions. Three main stages of labor education formation are described, which cover the period from its inception to the October Revolution, the period of labor education in the Soviet Union and vocational training during the period of independence of Tajikistan Republic. Each of these periods is further divided into several stages, which are described in the article. The author sets out his/her views on the existing problems beset with the industry in different years, emphasizing: those changes in the curriculum and the content of the subject have created many problems for secondary school teachers. A particularly cold attitude was expressed with regard to technology lessons. However, the future of technology remains bright. Upon completion of the training programs, documents related to the process of technological education, textbooks, opinions of scientists in this field were analyzed and discussed a number of topical issues were identified and summarized.*

Ҳунар ва ҳунармандӣ маҳсули хирад ва заҳмати дасти инсон буда, муаррифгари миллат, таъриху фарҳанг, табиату зебоипарастӣ ва шинохти кишвар мебошад [4, с.156]. Яке аз шаклҳои маъмули ҳунаромӯзӣ мактаби "устод-шогирд" маҳсуб меёфт.

Ин усул яке аз анъанаҳои қадимаи миллии тоҷикон буда, муҳаққиқ П.А.Гончарова онро дар радифи дигар усулҳои шогирдтайёркунӣ баррасӣ намудааст. П.А.Гончарова қайд мекунад, санъати зардӯзии бухороӣ ҳунари меросӣ буд, он аз бобо ба падар, аз падар ба писар мегузашт. Агар дар оила писар набошад, ин ҳунар ба ягон хеши наздик, масалан ҷиян омӯзонида мешуд [9, с.79].

Ба омӯзиши ин ҳунар писарбачаҳои 10-12 сола ва баъзан калонтарро ҷалб мекарданд. Ба шогирдӣ додани писар як рӯйдоди муҳим ба шумор рафта, дар ин замина як қатор маросим иҷро мешуд.

Падар ё хеши наздики писарбача бо як табақ хӯроки махсус ва ҳалвои тар ба назди усто рафта, ризоияти ӯро барои қабул мегирифт. Баъд аз он ки усто ризоият дод, ҳузурдоштагон хӯрокро истеъмол мекарданд, ки рамзи кушоиши кор ба ҳисоб мерафт.

Усто на танҳо омӯхтани ҳунар, балки хӯрондану пӯшонидани писарбачаро низ ба ӯҳда мегирифт. Байни тарафайн ягон шартномаи хаттӣ баста намешуд, таълим бепул сурат мегирифт. Усто ба шогирд ҳунари худро зуд ёд намедод. Соли якуми таҳсили писарбача ба корҳои хона ёрӣ медод, аз ҷумла рӯбучин мекард, об мекашонд, ба бозор мерафт ва танҳо дар вақти бекор монданаш ӯ ҳақ дошт, ки кори дӯзандагонро мушоҳида намояд. Баъди гузаштани як сол ба шогирд иҷозат дода мешуд, ки сари дӯкони зардӯзӣ нишинад. Барои иҷрои кор ба шогирд музд дода намешуд, мӯҳлати таълим муқаррар набуд ва метавонист аз 4 то 7 сол идома ёбад. Ҳолатҳое ҳам мешуд, ки усто барои гум накардани шогирди болаёқат ӯро 8-10 сол назди худ нигоҳ медошт.

Вақте ки шогирд майлу хоҳиши мустақилона кор карданро зоҳир менамуд, ба сифати миёнарав оқсақол даъват мешуд, то ки устоҳо барои озод гаштани шогирдон ризоӣ диҳанд.

Маросими устоталбон дар хонаи шогирд гузаронида шуда, усто ба "арвоҳи пири миёнбандон" дуо хонда, миёни шогирдро бо рӯймол баста, "Ба номи Шоҳи мардон бастам" мегуфт. Дар ин маросим, ки шогирд номи "усто"-ро мегирифт, ба муаллим "сарупо" тӯҳфа мешуд, яъне волидайни шогирд аз сар то по ба ӯ либоси нав мепӯшониданд. Ҳамчунин ба оқсақол ва ёвари ӯ низ тӯҳфаҳо дода мешуд. Дар баъзе мавридҳо устодон ба шогирди камбизоат барои оғози кори мустақилона асбобҳои зарурираро медоданд [10, с.222].

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳ ба омӯзиши масъалаҳои ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ, анъанаҳои халқӣ ва сохторҳои маорифпарварии миллӣ бештар гардид [1]. Масъалаҳои назариявӣ ва решаҳои амиқи этнопедагогикии таърихи илми тоҷик дар асарҳои бунёдии академик М.Лутфуллоев [14], Ф.Шарифзод [19], И.Каримова [12], Б.Раҳимӣ, А.Нуров [17], Д.Латипов [13] амиқ баррасӣ шудаанд.

"Меҳнат сабаби инкишоф мебошад. Бинобар ин ба фарзандон аз хурдӣ меҳнат карданро одат кунонидан лозим аст" [3, с.247]. Низоми таҳсилоти Тоҷикистон бо таърихи он вобастагии куллӣ дорад. Дар Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мадрасаҳои номдор фаъолият мекарданд, лекин дар ин мадрасаҳо таълими меҳнат омӯзонида намешуд.

Пас аз истиқрори Ҳокимияти шӯравӣ масоили маориф, омӯзишу парвариш, сохтмони мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар мадди аввал қарор гирифтанд. Аз рӯзи аввали барпо гардидани сохти нав дар ин сарзамин ба масъалаи маориф ва низоми таълиму тарбия диққати махсус дода мешуд. Моҳҳои март ва апрели соли 1918 мувофиқи қарори намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳри Хуҷанд дар ин шаҳр ва дигар шаҳру ноҳияҳои ин минтақа

Шӯрои маорифи халқ ташкил шуд, ки онҳо дар таъсиси мактаби нав, таълими ҳатмии бачагон ва маҳви бесаводӣ нақши муассир гузоштанд [15].

Бо вуҷуди ҳамагуна мушкилиҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ин соҳа дар охири соли 1918 19 мактаб ва соли 1919 73 мактаби дараҷаи якум ва дуюм амал мекард. Соли 1920 аввалин мактаби ибтидоии духтарона дар Хуҷанд таъсис дода шуд [15].

Барои ошкор намудани марҳилаҳои ташаккул ва рушди таълими технологии мактаббачагон дар таҳсилоти миллӣ, марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди тарбияи меҳнатиро аз соли 1917, соли Инқилоби Октябр таҳлил кардан зарур аст [8, с.112]:

- ***Марҳилаи I*** *- 1917–1922, марҳилаи таҳияи назариявии асосҳои мактаби меҳнат ва ҷустуҷӯи роҳҳои таъсис ва рушди таълими меҳнатӣ ва политехникӣ.* Дар ин марҳила, принсипҳои асосии ташкили таҳсилоти ягонаи меҳнатӣ тибқи қонун муқаррар карда шуда, шохаҳои низоми ояндаи таълими меҳнат ва политехникӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ташаккул ёфтаанд.

- ***Марҳилаи II*** *- 1923–1932, марҳилаи ҷустуҷӯи роҳҳои амалии минбаъд ташаккул, рушд, такмили тарбияи меҳнатӣ ва таълими политехникӣ.* Ин давра барои таҳияи барномаҳои таълимии таҳсилоти ягонаи меҳнатӣ, ҷорӣ намудани таълими меҳнат ҳамчун фанни ҳатмӣ аз соли 1927, таҳкими таълими политехникӣ ва робитаи мактабҳо бо корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ назаррас аст.

- ***Марҳилаи III*** *- 1933–1937, марҳилаи номувофиқӣ байни ҳадафҳои таъсис додани системаи таълими меҳнатӣ ва политехникӣ дар мактабҳои Иттиҳоди шӯравӣ бо шароити татбиқи онҳо дар маҳал.* Ин давра бо фармонҳо ва дастурҳои Кумитаи марказии ваколатдор оид ба беҳтар намудани фаъолият дар соҳаи маорифи халқ тавсиф мешавад, аммо дар аксари мактабҳо тадриҷан суст шудани таваҷҷӯҳ ба таълими меҳнатӣ ва политехникӣ мушоҳида мешуд. Дар соли 1937 дарси меҳнат ба таври умум аз барномаи таълимии мактабҳои Иттифоқи шӯравӣ хориҷ карда шуд.

- ***Марҳилаи IV****- 1938–1953, марҳилаи тамоюли таълими меҳнатӣ ва политехникӣ ба фаъолияти беруназсинфии ҷамъиятӣ.* Ин солҳои душвор барои кишвар буданд, махсусан солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва аввали солҳои баъдиҷангӣ (1946-1952). Вақт нишон дод, ки аз маорифи халқи мамлакат дур кардани таълими меҳнат хатост.

- ***Марҳилаи V*** *- 1954–1976, марҳилаи ташаккули низоми меҳнат ва таълими политехникӣ дар асоси пайвастагӣ бо меҳнати истеҳсолӣ ва аз соли 1958 мувофиқи таҷдиди сохтори мактаб - бо таълими истеҳсолӣ.* Ин давра бо таҳияи нақшаҳои нави таълими меҳнатӣ, политехникӣ ва истеҳсолӣ, тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ, рушд ва муҷаҳҳаз кардани заминаи моддию техникии устохонаҳои таълимӣ, таҳкими робита бо корхонаҳои саноатӣ, совхозҳо, коллективӣ, хоҷагиҳо, инкишофи асосҳои назариявӣ ва тадқиқоти илмӣ дар сохаи меҳнат, таълими политехникӣ ва истеҳсолӣ хос аст. "Соли таҳсили 1979–80 22 ҳазор нафар хонанда аз рӯйи 44 касб тарбияи меҳнатӣ гирифт. Соли 1980 535 бригадаи истеҳсолии талабагӣ, 487 урдугоҳи меҳнатию истироҳатӣ ташкил гардиданд" [15].

- ***Марҳилаи VI*** *- 1977–1993, марҳилаи ҷустуҷӯи роҳҳои муассири такмили меҳнат ва политехникии мактаббачагон ва ба кор омода кардани онҳо.* Ин давра бо як қатор қарори директивии хукумат дар соҳаи таълими меҳнат, таълим ва роҳнамоии касбӣ (22.12.1977), таҳкими заминаи таълимӣ ва моддии мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои беҳтар намудани таълими меҳнат (18.08.1978), ислоҳоти мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ (04.10.1984); таҳияи барномаҳои нав ва мукаммал; ташкили таълими махсус барои хонандагони синфҳои 10-11; зиёд шудани вақти омӯзиши таълими меҳнат дар мактаби миёна то 4 соат дар як ҳафта; таҳкими заминаи таълимӣ ва моддии таълими меҳнат; таҳкими таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи меҳнат ва таълими политехникӣ; тавсиф мешавад.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯи барномаҳои нав, ки аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида буданд, раванди таҳсилот ба роҳ монда шуд. Бояд ёдовар шуд, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар муқоиса бо низоми таҳсилоти пешин (Иттиҳоди шӯравӣ) мазмун ва мундариҷаи фанни таълими меҳнат тағйироти чандон муҳиме надошт.

Дар шароити онвақтаи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, таҳия ва амалисозии омилҳои баландсозандаи маълумот, ки барои тайёр кардани кормандони баландихтисоси дорои лаёқати сарфаҳмравӣ ба вазъият ва ба шароитиҳои нави меҳнат зидмутобиқшаванда, сифатҳои баланди кордонӣ ва рақобат тобовар нигаронида

шудаанд, таҷдиду таҳияи барномаҳои таълим ногузир буд. Аз ин лиҳоз соли 2001 барномаи таълими касбу ҳунар таҳия карда шуд [7].

Тайёрии меҳнатӣ дар шакли нав, яъне касбу ҳунар хусусияти инкишофёбандагии таълимро, ки ба камолоти касбии хонандагон тибқи шавқмандӣ, лаёқатмандӣ ва майлу рағбати ҳар кадоми онҳо нигаронида шудааст, таъмин менамояд.Он навсозии мундариҷаи ин корро бо назардошти таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ таъмин мекунад. Он ҷорӣ намудани сохтори печ дар печу мукаммали тарҳрези барномаҳои таълимӣ, истифодаи принсипи амсилаи қисматбандии онҳоро бо пуррасозии вариантӣ ва бо дар назардошти махсусиятҳои минтақавию миллӣ, муҳити истеҳсолӣ ва ҳайати мактаббаччагон пешбинӣ менамуд.

Барнома мувофиқи нишондодҳои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми октябри соли 1998 таҳти №399 «Дар бораи тасдиқи Консепсия ва Барномаи касбинтихобкунии ҷавонон дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таълиф гардидааст. Дар қарори мазкур таъкид шудааст, ки мактаб вазифадор аст хатмкунандагонро бо ҳаёт дар вазъияти нави сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ омода созад, ҷавононро ба интихоби бошууронаи касбу ҳунар ва омӯзиши мутаассири касбӣ роҳнамо гардонад.

Ба барномаи таълими касбу ҳунар тайёрии иқтисодӣ, унсурҳои менеҷмент, маркетинг, ороишгарӣ, ҳунарҳои халқӣ, ҷорӣ намудани хоҷагидорӣ, фермерӣ бояд шомил мегардид.
Барномаи таълимии касбу ҳунар бо назардошти талаботи стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумие, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 1997 № 266 тасдиқ гаштааст, тартиб дода шуда буд.
Муаллифон дар барномаи таълим фаслҳои зеринро пешниҳод намуда буданд [7]:

- Технологияи иттилоотӣ.
- Технологияи коркарди чӯбу тахта. Унсурҳои мошинашиносӣ.
- Технологияи коркарди металл. Унсурҳои мошинашиносӣ.
- Технологияи коркарди матоъ. Унсурҳои мошинашиносӣ.
- Технологияи тайёр кардани хӯрокҳои миллӣ. Унсурҳои мошинашиносӣ.
- Маданияти корҳои таъмирӣ – сохтмонӣ.
- Корҳои хоҷагии қишлоқ.
- Техникаи хоҷагии қишлоқ.
- Касбу ҳунарҳои миллӣ.
- Асосҳои истеҳсолот
- Иқтисодиёти оила.
- Асосҳои соҳибкорӣ.
- Барқ дар рӯзгор.
- Истеҳсолот ва муҳити атроф.
- Интихоби касб.
- Лоиҳаҳои эҷодӣ.
- Таълими касбӣ

Дар барномаи таълим якчанд нуктаи фарққунанда аз барномаҳои пешин мавҷуд буд, ки он ба назар гирифта шудани гузариш ба шароити иқтисоди бозорӣ ва эҳёи касбу ҳунарҳои миллии аҷдодии халқи тоҷик маҳсуб меёфт. Бори аввал фасли «Технологияи иттилоотӣ» ба барномаи таълим ворид карда шуд, ки он диққати хонандаро ба мошинаҳои электронии ҳисоббарор равона карда, онҳоро бо муҳаррири матнӣ ва графикӣ ошно мекард, ки мувофиқи талаби замон буд.

Таълими ҳунарҳои мардумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна барои аз синни мактабӣ бедор намудани эҳсоси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва зебоипарастӣ мусоидат мекунад [4, с.156].

Баъди таҳияи барномаи таълимии фанни касбу ҳунар аз ҷониби гурӯҳи муаллифон, навиштани китобҳои дарсӣ бо забони тоҷикӣ оғоз гардид. Аввалин китоби дарсии “Касбу ҳунар”-ро [11] барои синфи 5 муаллифон А.Азизов, С.Раҳимов, С.Исломов соли 2002 тартиб доданд ва аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори мушовара нашр гардида, ба тамоми муассисаҳои таълмии қаламрави ҷумҳурӣ дастрас карда шуд. Сипас, барои дигар синфҳо низ таҳияи китобҳои дарсӣ бо забони давлатӣ бо маром идома кард.

Бояд зикр кард, ки шурӯъ аз соли 2006 фанни касбу ҳунар ба соати таълими “Технология” табдили ном кард ва китобҳои дарсӣ бо номи “Технология” нашр гардиданд.

Мувофиқи фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.07.2010 №11/37 оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо дар нақшаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии соли хониши 2010 ва солҳои минбаъда ҷорӣ намудани таълими фанни «Технология» (таълими меҳнат) дар синфи 10 таҳия карда шуда, аз фаслҳои зерин иборат буд [5]:

- Асосҳои истеҳсолот;
- Асосҳои соҳибкорӣ;
- Касбинтихобкунӣ;
- Худмуайянкунии касбӣ
- Бизнес-нақша

Нуқтаи гардиш дар таърихи таълими меҳнат бояд соли 2001, соли таълифи барномаи таълимии касбу ҳунар барои хонандагони синфҳои 5-9 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад Сипас, соҳаи нави таълимии «Технология (таълими меҳнат)» ҷои таълими касбу ҳунарро гирифт. Гузариш аз касбу ҳунар ба таълими технологӣ, ба гуфтаи муаллифони барномаи нав, барои васеъ кардани имкониятҳо барои хонандагон барои дар амал татбиқ кардани донишҳои гирифташуда, инчунин ба ҳадди аксар расонидани таҷрибаи мусбии ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи таҳсилоти технологӣ мусоидат мекунад.

Саволи оқилона ба миён меояд: оё мактабҳо барои ҷорӣ намудани барномаи нав омода буданд, оё кадрҳо, заминаи моддию техникӣ, устохонаҳои мактабӣ, таъминоти таълимию методӣ омӯзонида шуданд? Ҷавоби оддӣ не. Махсусан саволҳо ва мушкилоти зиёде аз қисматҳои "Технологияҳои иттило" барои хонандагони синфи 5-6, "Маданияти корҳои таъмирӣ – сохтмонӣ" барои хонандагони синфҳои 5-6, "Ҳунарҳои миллӣ (Кандакорӣ)" барои хонандагони синфи 5 ба вуҷуд омадаанд. Аксар муаллимони технология қисмати "Лоиҳаи эҷодӣ"-ро ба таври шадид ва дарднок баррасӣ мекарданд. Ҳамчунин дар ин солҳо кам шудани соати таълимии фанни технология мушоҳида шуд, ки 50%-и соатҳо ихтисор карда шуда, ҳафтае як соат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим дода мешуд. Ин дар ҳоле, ки дар барномаи таълимии соатҳо ихтисор карда нашудаанд [7]. Нашрияҳо, маводи барномавӣ ва методии олимон ва мутахассисони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба омӯзгорони технология (таълими меҳнат) дар рушди соҳаи нави таълим кумаки бебаҳо расониданд.

Дар барномаи таҷрибавӣ барои соли 2012 дар баробари бахшҳои анъанавӣ бахшҳои (модулҳои) навро дар бар мегирифт. Дохил кардани бахшҳои нав ба рушди фарҳанги технологӣ, тарроҳӣ, таҳқиқотӣ, иқтисодӣ ва экологии мактаббачагон нигаронида шуда буд.

Барномаи таълимии фанни технология (таълими меҳнат) барои синфҳои 5-9 аз тарафи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо супориши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2012 таҳти рақами 1757 «Оид ба таҷдиди назар ва ба шароити ҷумҳурӣ мутобиқ гардондани барномаи фанни «Технология» (таълими меҳнат) барои синфҳои 5-9» таҳия гардид. Он дар асоси талаботи стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 (№206) тасдиқ гардидааст,таҳия шуда буд [6].

Барномаи мазкурро С.Раҳимов, М.Сайфиддинов, Т.Ҷабборов, Б.Саидова, зери назари президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон И.Х.Каримова ва мушовири байналмилалӣ доктор Кристиан Хайн, мутахасиси фанни «Технология» аз Донишгоҳи Фестфали ба номи Вилгелми шаҳри Мюстерни Ҷумҳурии Федеролии Олмон таҳия намуда буданд, ки дар он ба масъалаи баробарии гендерӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир гардида буд. Тибқи барнома бояд, ки писарон ва духтарон бо барномаи таълимии муштарак, дар як синф таълим дода мешуд. Барнома аз чунин модулҳо иборат буд [6]:

- Агротехнология;
- Рӯзгордорӣ;
- Корҳои нассоҷӣ;
- Коркарди масолеҳ;
- Механика;
- Техникаи барқӣ;
- Техникаи сохтмон;
- Автоматиконии техника;
- Конструксия ва маҳсулоти маҷмӯи мавод.

Тариқи барномаи мазкур дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Душанбе мактабҳои пилотӣ интихоб карда шуда, мазмун ва мундариҷаи раванди таълим натиҷагирӣ карда шуд. Аммо ин барнома дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда нашуд.

Соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020»-ро ба тасвиб расонд, ки тибқи он тамоми фанҳои таълмии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд давра ба давра ба муносибати босалоҳит гузаронида мешуданд [18].

Таълими ба ташаккули салоҳиятнокӣ равонагардида, ки ҳарду вазифаҳои таҳсилотро вобаста ба натиҷаи он муайян менамояд ва салоҳиятҳои асосии таълими хонандаро дар баробари дониш, маҳорат ва малака ба сифати яке аз натиҷаҳои таҳсилот баррасӣ менамояд. Соли 2017 бо кӯшиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фанҳои таълимии математика, геометрия, забони модарӣ, адабиёт, технология (таълими меҳнат барои писарон ва духтарон) [2] ва нақшакашӣ раҳнамоҳои таълим барои омӯзгорон ва замимаҳои китоби дарсӣ барои хонандагони ҳамаи синфҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба нашр расида шуд. Омӯзгорони фанҳои дар боло зикршуда курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои тахассусиро хатм намуда, бо шаҳодатномаҳо таъмин карда шудаанд. Ҳоло фанҳои номбурда пурра дар муассисаҳои таълимӣ тариқи низоми муносибати босалоҳият таълим дода мешаванд.

Академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ғумомқодир Бобизода чунин мешуморад: “Муносибати босалоҳият дар таълим омӯзгоронро водор месозад, ки бо истифода аз шаклу усулҳои замонавии таълиму тарбия хонандагонро ҳаматарфа ба зиндагӣ омода намоянд, зеро ҷомеаи имрӯза шогирдони ботаҷриба, дорои қобилияти ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро аз мактабу маориф интизор аст” [16, с.17].

Дар давраи 30 соли истиқлолият барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон қабули доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф ба вуқӯъ пайваст. Агар модернизатсияи таълими технологиро ба давраҳо тақсим кунем, тақрибан чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад:

- Давраи аввал - 1991-1999. - давраи ҷустуҷӯи роҳҳои таъсис ва рушди таълими меҳнат дар асоси арзишҳои миллӣ. Ин давра дар пасманзари ҷанги шарҳвандӣ мегузарад. Дар он нигоҳ доштани низоми маорифи халқ ва қабули санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ тавсиф мешавад.
- Давраи дуюм - 2000-2005. - давраи ташаккул ва инкишофи низоми таълими касбу ҳунар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Ин давра бо ҷустуҷӯи роҳҳои рушди таълими касбу ҳунар ҳамчун инкишофи завқи касбомӯзӣ ва аз бар кардани ҳунарҳои миллӣ аз ҷониби хонандагон дониста мешавад.
- Давраи сеюм - 2006-2016. - давраи гузариш аз таълими касбу ҳунар ба соҳаи нави “технология (таълими меҳнат)” фаъолона муҷаҳҳаз кардани дарсҳои технология бо маҷмӯаҳои таълимию методӣ ва якбора кам кардани соатҳои таълими дарсҳои технология.
- Давраи чорум - 2017-2021. - давраи навсозии мактаби ватанӣ ва гузариш ба муносибати босалоҳият, ки бо таҳияи китобҳои насли нав, дастурҳои таълимию методӣ, таҳқиқотҳои олимон ҷиҳати рушди соҳа ва инкишофи мундариҷа ва шаклу усулҳои таълими технология (таълими меҳнат) тавсиф мешавад.

Ҳамин тариқ, низоми таълими технологии мактаббачагон таваҷҷӯҳи ҷиддиро дар сатҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои зерин талаб мекунад:

- таҳкими таълими технологии хонандагон тавассути зиёд кардани шумораи соатҳо барои дарсҳои технология (таълими меҳнат) синфҳои 5 то 9;
- маблағгузории заминаи таълимӣ ва моддии устохонаҳои мактабӣ;
- дохил намудани фанни «Технология» ба ҳастаи бунёдии таълим ва рӯйхати имтиҳонҳо бо интихоби хатмкунандагони мактаб.
- таҷдиди назар ба мазмун ва мундариҷаи барномаи таълим ва китобҳои дарсӣ вобаста ба тағйироти низоми таълим (муносибати босалоҳият).

Таҳлили рушди таълими технологии хонандагон дар масири таърих нишон дод, ки ин ҳама марҳилаҳои пайдоиш, ташаккул, таназзул ва рушди низоми таълими технологии хонадагон буда, омӯхтани он ҷиҳати дар оянда дуруст роҳандозӣ намудани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иусоидат мекунад.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Азизи, Ф.А.Традиционный художественный институт как феномен таджикской народной педагогики/Ф.А.Азизи,Ф.С.Рофиева//БГЖ.-2017.-№4(21).URL: ttps://cyberleninka.ru/article/n/traditsionnyy-hudozhestvennyy-institut-kak-fenomen-tadzhikskoy-narodnoy-pedagogiki (дата обращения: 10.08.2021).
2. Азизов, А. Барнома ва модули таълимии курси омӯзишии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) оид ба таълими босалоҳият/А.Азизов,Ш.Азизов ва диг.-Душанбе, Маориф 2017.-166 с.
3. Азизов, А. А. Традиционные ремесла как фактор воспитания в народной педагогике / А. А. Азизов, Ш. Ю. Азизов // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2016. – № 4(49). – С. 245-251.
4. Азизов, Ш. Ю. Организация кружков по обучению труду и их роль в возрождении народных ремесел / Ш. Ю. Азизов // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б.афурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2019. – № 2(59). – С. 155-160.
5. Барномаи таълимии фанни технология (таълими меҳнат)барои синфи 10,Душанбе,2010.-58 с.
6. Барномаи таълимии фанни технология барои синфҳои 5-9. / А.А. Азизов ва диг. - Душанбе, 2013. – 89 с.
7. Барномаи таълимии касбу ҳунар барои синфҳои 5-9, Душанбе, 2001. 122с.
8. Глозман, Е. С. Становление и развитие технологического образования школьников в отечественном образовании / Е. С. Глозман // Теория и практика общественного развития. – 2015. – № 1. – С. 112-114.
9. Гончарова, П.А. Санъати зардӯзии Бухоро/П.А.Гончарова.- Тошканд, «Адабиёт ва санъат ба номи Ғ. Ғулом 1986. - 110 с.
10. Дадобоева,М. Н. Роль народных традиций в возрождении народных промыслов /М.Н.Дадобоева//Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова.Серия гуманитарно-общественных наук.–2017.– № 2(51). – С. 222-227.
11. Исломов, С.Касбу ҳунар. Китоби дарсӣ барои хонадагони синфи 5. / С.Исломов, С.Раҳимов, А.Азизов. - Душанбе: Маориф, 2002. - 136 с.
12. Каримова, И.Х. Инновационная педагогика/И.Х.Каримова.- Душанбе: Ирфон, 2013. - 544 с.
13. Латипов, Д.Н. Этнокультурное образование и национальное единство/Д.Н.Латипов.- Душанбе, 2011. - 316с.
14. Лутфуллоев М. Педагогика гуманизма. / М. Лутфуллоев - Душанбе, 2008. - 254 с.
15. Маориф дар Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]: Википедия. Донишномаи озод. – URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/Маориф_дар_Тоҷикистон (санаи дархост: 11.08.2021).
16. Муносибати босалоҳият дар таълим (дастури методӣ) Мураттибон: Ғ.Бобизода, Ш.Исрофилниё, Д.Имомназаров, А.Байзоев. – Душанбе, 2017 – 74с.
17. Рахимов,Б.Этнопедагогика таджиков/Б.Рахимов,А.Нуров.-Душанбе:Шарқи озод,2008. - 295с.
18. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334). Душанбе, 2012.
19. Шарифзода, Ф. Интегрированное обучение - явление в национальной педагогике/Ф. Шарифзода.-Душанбе:Ирфон,2010.-136 с.

**REFERENCES:**

1. Azizi, F.A. Traditional Art Institute as a Phenomenon of Tajik Folk Pedagogy /F.A.Azizi, F.S.Rofieva//BGZh.2017. - 4(21). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/traditsionnyy-hudozhestvennyy-institut-kak-fenomen-tadzhikskoy-narodnoy-pedagogiki (Date of appeal: 08/10/2021).
2. Azizov, A. Program and Training Module of the Training Course for Teachers of Technology (labor training) on Literate Teaching / A. Azizov, Sh. Azizov et al. – Dushanbe: Education, 2017. - 166 p.
3. Azizov, A.A. Traditional Crafts as a Factor of Education in Folk Pedagogy / A.A. Azizov, Sh.Yu. Azizov // Scientific Notes of Khujand State University named after academician B. Gafurov. Series of Humanities and Social Sciences. - 2016. - No. 4 (49). - P. 245 - 251.
4. Azizov, Sh.Yu. Organization of Labor Training Circles and their Role in Revival of Folk Crafts / Sh.Yu. Azizov // Scientific Notes of Khujand State University named after academician B. Gafurov. Series of Humanities and Social Sciences. - 2019. - No. 2 (59). - P. 155 - 160.
5. Education Program in Technology (Labor Training) for Grade 10. - Dushanbe, 2010.

6. Technology Curriculum for Grades 5-9. / A.A. Azizov and others. - Dushanbe, 2013. - 89 p.
7. Professional Training Program for Grades 5-9. - Dushanbe, 2001. - 122 p.
8. Glozman, E.S. Formation and Development of Technological Education of Schoolchildren in Domestic Education / E.S.Glozman // Theory and Practice of Social Development. - 2015. - No. 1. - P. 112 - 114.
9. Goncharova P.A. The Art of Bukhara Embroidery. – Publishing-House of "Literature and Art named after G. Gulyam / P.A. Goncharova. - Tashkent, 1986. - 110 p.
10. Dadoboeva, M.N. The Role of Folk Traditions in Revival of Folk Crafts / M.N.Dadoboeva // Scientific Notes of Khujand State University named after academician B. Gafurov. Series of Humanities and Social Sciences. - 2017. - No. 2 (51). – P. 222 - 227.
11. Islamov S.Kasbu Khunar. Textbook for 5 grades / S. Islamov, S. Ragimov, A. Azizov. - Dushanbe: Education, 2002. - 136 p.
12. Karimova, I.Kh. Innovative Pedagogy/I.Kh. Karimova. - Dushanbe: Cognition, 2013. - 544 p.
13. Latipov,D.N.Ethnocultural Education and National Unity/D.N.Latipov.-Dushanbe, 2011. – 316 p.
14. Lutfulloev, M. Pedagogy of Humanism/M.Lutfulloev. - Dushanbe, 2008. - 254 p.
15. Education in Tajikistan [Electronic resource]: Wikipedia. Free encyclopedia.-URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/Education_in_Tajikistan (Date of appeal: 08/11/2021).
16. Competent Approach to Teaching (methodological guide) Compiled by G. Bobizoda, Sh. Isrofilniyo, D. Imomnazarov, A. Bayzoev. - Dushanbe, 2017 - 74 p.
17. Rakhimov, B. Ethnopedagogy of Tajiks/B. Rakhimov,A.Nurov.-Dushanbe:Freedom of Orient, 2008. – 295 p.
18. National Strategy for the Development of Education of Tajikistan Republic until 2020. (Decree of Tajikistan Republic Government from June 30, 2012 No. 334). - Dushanbe, 2012.
19. Sharifzoda, F. Integrated Learning Is a Phenomenon in National Pedagogy/F.Sharifzoda - Dushanbe: Cognition, 2010. - 136 p.